## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод шудааст**

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ ба як қатор омилҳое вобаста аст, ки рушди муосири Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунанд. Дар асри XXI иттилоот манбаи муҳимтарини муайянкунандаи рақобатпазирии давлатҳо, самаранокии иқтисодиёт, сатҳи таҳсилот ва фарҳанг, инчунин сифати зиндагии шаҳрвандон гардидааст. Бинобар ин, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ як раванди ногузире мебошад, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёт таъсири амиқ мерасонад. Дар шароити тамоюлҳои глобалии марбут ба дигаргунсозии рақамӣ ва рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари рӯ ба тараққӣ бо зарурати мутобиқ шудан ба воқеиятҳои нав ва таҳияи стратегияи муассири бунёди ҷомеаи иттилоотӣ рӯ ба рӯ мешавад. Ин таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи кунунии иттилоотӣ, муайян кардани мушкилот ва дурнамо, инчунин таҳияи чораҳои мушаххас оид ба ҳавасмандгардонии рушди технологияҳои иттилоотӣ ва баланд бардоштани саводнокии иттилоотии аҳолиро талаб мекунад.

Мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон, хусусиятҳои таърихӣ ва фарҳангии он, инчунин шароити иҷтимоию иқтисодӣ ба раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ таъсири муайян мегузоранд. Ҳамзамон Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мушкилоти муайяни соҳаи ТИК, аз қабили дастрасии маҳдуд ба инфрасохтор, сатҳи пасттари саводнокии иттилоотию рақамии аҳолӣ, набудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи ТИК рӯ ба рӯ мешавад. Аммо Тоҷикистон барои рушди босуръати ҷомеаи иттилоотӣ иқтидори назаррас дорад. Мавҷудияти аҳолии ҷавон ва афзоянда, таваҷҷуҳи давлат ба навсозию рақамикунонии иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ, инчунин дастгирии созмонҳои байналмилалӣ барои татбиқи лоиҳаҳои васеъмиқёс дар соҳаи иттилоотӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Таҳқиқи раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ҳам аз нуқтаи назари назариявӣ ва ҳам аз нуқтаи назари амалӣ муҳим ба назар мерасад. Аз ҷиҳати назариявӣ, он имкон медиҳад, ки донишҳои назариявию методологӣ дар бораи моделҳо ва хусусиятҳои рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар кишварҳои дорои иқтисодиёти давраи гузариш инкишоф дода шавад, инчунин равишҳо ва моделҳои нав барои арзёбии сатҳи иттилоотӣ ва муайян кардани афзалиятҳои рушди бахши ТИК таҳия карда шаванд. Дар сатҳи амалӣ, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, инчунин ширкатҳои хусусӣ барои таҳия ва татбиқи стратегияҳо, барномаҳо ва лоиҳаҳое, ки ба суръат бахшидан ба

раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар ва беҳтар намудани сифати зиндагии шаҳрвандон равона шудаанд, истифода шаванд. Дар маҷмуъ, таҳқиқи раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон вазифаи муҳим ва саривақтӣ буда, ҳалли он ба кишвар имкон медиҳад, ки ба мушкилоти асри XXI бомуваффақият мутобиқ шуда, рақобатпазирии худро баланд бардорад ва рушди устувори иҷтимоию иқтисодиро таъмин намояд. Омӯзиши минбаъдаи ин мавзӯъ ба таҳияи тавсияҳои илман асоснок ва тадбирҳои амалӣ, рушди ҷомеаи муосири иттилоотие, ки ба эҳтиёҷот ва манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, мусоидат менамояд.

Таваров Дилшодҷон Саидмуродович соли 2001 ба ихтисоси забони хориҷӣ (англисӣ)-и Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав дохил шуда, онро соли 2006 бо дипломи аъло хатм намудааст. Аз ҳамон сол то инҷониб дар донишгоҳи мазкур кору фаъолият намуда истодааст. Айни замон довталаби дараҷаи илмӣ ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мебошад. Ӯ аз соли 2017 то соли 2020 унвонҷӯйи кафедраи номбарда маҳсуб меёфт. Таҳқиқи диссертатсионии худро дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар давраи унвонҷӯӣ анҷом додааст.

Кори диссертатсионии Таваров Дилшодҷон Саидмуродович аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳои муаллиф ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, робитаи таҳқиқи диссертатсионӣ бо лоиҳаҳои дигари илмӣ нишон дода шудааст. Дар тавсифи умумии таҳқиқот объект ва предмети таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, фарзияи таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии кори илмӣ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия муайян карда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия –«Ҷанбаҳои назариявию методологии омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ» – муаллиф доираи васеи адабиёти илмию таҳқиқотиро таҳлилу баррасӣ намуда, дар заминаи он моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ ва хусусиятҳои муҳимми ташаккулёбии онро нишон додааст. Дар зербоби якуми ин қисми таҳқиқот муаллиф таълимоти Д.Белл, Э.Тоффлер ва В.Л. Иноземсевро ба таври муфассал таҳлил намуда, саҳми онҳоро дар рушди

назарияи ҷомеаи иттилоотӣ муайян кардааст. Дар ин зербоб рушди ҷомеаи иттилоотӣ аз рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа вобаста карда мешавад ва дар робита ба ин масъала рушди инфрасохтори иттилоотии соҳаҳои гуногуни ҷомеа таҳлил мегарданд. Дар боби якуми диссертатсия инчунин заминаҳои асосии рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва хусусиятҳои муҳимми онҳо низ таҳлилу баррасӣ шудаанд. Дар ин қисми таҳқиқот муаллиф дар асоси таҳлили таҷрибаи кишварҳои гуногун меъёрҳои арзёбии рушди ҷомеаи иттилоотиро нишон дода, ба воситаи онҳо раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотиро баҳогузорӣ намудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия –«Омилҳои сиёсии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ» – дар навбати аввал ташаббусҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳамчун заминаи муҳимми рушди ҷомеаи иттилоотӣ муаррифӣ гардидааст. Бо ин мақсад муаллиф кӯшиш намудааст, ки нақши давлатро дар раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ нишон диҳад. Барои ҳал намудани ин вазифаи таҳқиқӣ таҷрибаи давлатҳои тараққикарда ва ташаббуси созмонҳои байналмилалиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллиф дар ин қисми таҳқиқот ба таърихи истифодабарии ТИК дар идоракунии давлатӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба амал омадани ҳукумати электрониро ҳамчун марҳилаи навбатии рушди ҷомеаи иттилоотӣ номидааст. Дар боби дуюми таҳқиқи диссертатсионӣ довталаб ба масъалаи роҳандозӣ шудани шохисҳои гуногуни арзёбии рушди ҷомеаи иттилоотӣ таваҷҷуҳ намудааст. Инчунин дар боби дуюм мушкилот ва дурнамои рушди истифодабарии технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар низоми идоракунии давлатӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Дар боби сеюми диссертатсия –«Ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар масири истиқлолияти сиёсӣ»– масъалаҳои гуногуни раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардидааст. Дар ин қисми таҳқиқот раванди рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеаи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият таҳлил гардидааст. Инчунин муаллиф қонунҳои дар ин самт қабулгардида, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба рушди инфрасохтори иттилоотии кишвар нигаронида шудаанд, ба таври муфассал таҳлил намудааст. Қисми дуюми боби сеюм арзиши баланди илмию амалӣ дорад. Зеро дар ин қисми таҳқиқот мушкилот ва дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо далелҳои гуногун нишон дода шудаанд. Муаллиф дар заминаи панҷ шохиси байналмилалӣ дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотии Тоҷикистонро арзёбӣ намуда, барои рафъи монеаҳои мавҷуда ва боз ҳам беҳтар гардонидани инфрасохтори иттилоотии кишвар тавсияҳои худро пешниҳод намудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионии довталаб ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявию методологӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,**
**декани факултети фалсафаи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** __________ **Сафарализода Х.Қ.**

5-уми марти соли 2025

Суроға: 734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Н.Қарабоев, 150/2, ҳуҷраи 53.
Тел.: +992 988127383
E-mail: quddusov@mail.ru

Имзои дотсент Сафарализода Х.Қ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ.
Тавқиев Эмомалӣ __________

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992 -37) 221-62-25
E-mail: info@tnu.tj
5-уми марти соли 2025